**Такриз**

**ба фишурдаи диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Истилоҳ ва истилоҳотсозӣ ба монанди шохаҳои дигари илми забоншиносӣ таърихи тулониро соҳиб буда, ҳамқадами давраҳои аввали пайдоиши забон мебошанд. Дар забоншиносии тоҷик омӯзиш, баррасӣ ва таҳлили муқоисавии истилоҳоти соҳаи кулолгарӣ дар заминаи ду забони гуногунсохтору гуногуннизом ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст, бинобар ин, баррасӣ ва таҳлили лингвистии истилоҳоти соҳаи мазкур саривақтӣ ва мубрам буда, аҳаммияти хоси илмиро дорост.

Лозим ба ёдоварист, ки таҳлилу баррасӣ ва муқоисаву муқобалаи истилоҳоти соҳаи кулолгарӣ яке аз масъалаҳои муҳими таҳқиқ дар бахши забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ ва типологии тоҷик ба шумор меравад. Ҳамин тавр, рисолаи илмии Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» пажуҳиши саривақтӣ буда, муаллиф дар он ҷанбаҳои норавшани мавзуъро бар мабнои усулҳои тасвирӣ, типологӣ-муқоисавӣ, таҳлили ҷузъҳо ва таҳлили луғавию маъноӣ ва сохториву решашиносӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Муҳаққиқ рисоларо аз мубрамияти мавзуъ ва то ҳол таҳқиқ нагардидани истилоҳоти соҳаи кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ оғоз намуда, таъкид бар он мекунад, ки истилоҳоти кулолгарӣ аз лиҳози муқоисаву муқобала аз ҷониби забоншиносони ватаниву хориҷӣ дар алоҳидагӣ мавриди пажуҳиш қарор нагирифта, то ин замон ба масъалаи таҳқиқ, таҳлил ва муқоисаи ин воҳиди забонӣ дар забонҳое, ки зикрашон рафт, рисолае таълиф нагардидааст.

Рисолаи илмии Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» аз муқаддима, се боб, 13 фасл ва хулосаву феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи рисола сухан дар бораи мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методи таҳқиқ, навгониҳои илмии рисола, аҳамияти назариявии таҳқиқот, моҳияти амалии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологияи таҳқиқот, нуктаҳои муҳими рисола, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори рисола меравад.

Дар боби якуми рисола «Масъалаҳои назарии таҳқиқи истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» масъалаҳои назарии истилоҳоти кулолгарӣ дар забоншиносии муосир, мафҳумҳои меҳварии истилоҳоти кулолгарӣ дар сарчашмаҳои илмиву таърихӣ, сарчашмаҳои ташаккули истилоҳоти кулолгарии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таҳлили

решашиносии бархе аз истилоҳоти меҳварии соҳаи кулолгарӣ дар забонҳои муқоисашаванда, таҳлили решашиносии бархе аз истилоҳоти меҳварии соҳаи кулолгарӣ дар забонҳои муқоисашаванда, таснифоти мавзуии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди пажуҳиши илмӣ қарор мегиранд.

Баъдан, диссертант роҷеъ ба мавқею ҷойгоҳи истилоҳ дар таркиби луғавии забон ва тафовути он аз вожагони умумиистеъмолӣ ва муқаррарӣ таваққуф менамояд. Инчунин марҳилаҳои ташаккул ва рушди вожагону луғоти мансуби истилоҳоти кулолгарӣ ва басомаду баромади бархе аз истилоҳоти меҳаварии кулолгарӣ низ дар ҳамин боб дарҷ ёфтаанд.

Боби дуюми рисола «Вижагиҳои луғавӣ-маъноии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, дар он масъалаҳои семантикӣ баррасӣ мешавад. Бояд гуфт, ки луғату истилоҳоти кулолгарӣ дорои семантикаи ғанӣ буда, ҳамзамон дар баробари сармаъноӣ, маънои маҷозӣ низ инкишоф ёфтааст, ки ҷузъи муҳимми таркибии фонди луғавию фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошанд. Илова бар ин, дар боби мазкур сермаъношавиву муродифшавӣ ва ҳамгуншавии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикиву англисӣ ва андешаҳои пажуҳишгарон оиди ин падидаҳои забон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Боби сеюми рисола «Таҳлили сохтории истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ном гирифта, яке аз марҳилаҳои муҳим дар таҳқиқи муқоисавӣ ва сохтории истилоҳоти кулолгарӣ бар мабнои усулҳои маъмули калимасозиву истилоҳсоӣ дар мисоли усулҳои сарфӣ, наҳвию сарфӣ ва наҳвии истилоҳсозиро муҳокима намудааст. Муаллиф дар боби мазкур зарурати таҳқиқи сохт ва таркиби истилоҳот аз ҷониби муҳаққиқонро муайян намуда, дар раванди ташаккул то чӣ андоза ба таҳаввули савтиву шаклӣ дучор гардидани вожаву истилоҳоти кулолгариро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Рисолаи илмии Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамқулович дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт, тибқи талаботи стандартҳои муосири таълифи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Ҳамаи мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Рисолаи мазкур барои таълифи корҳои илмӣ доир ба истилоҳ ва истилоҳшиносӣ, инчунин таҳияи фарҳангҳои соҳавӣ мусоидат намуда метавонад.

Дар баробари дастовардҳои муҳим фишурдаи диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест:

1. Хуб мешуд, муаллиф дар раванди таҳқиқ дар баробари сермаъношавӣ, ҳамгуншавӣ ва муродифшавӣ ба падидаи муттазодшавӣ дучор омадани истилоҳоти кулолгариро низ таҳлилу баррасӣ мекард, ки ин боиси боз ҳам баландтар шудани арзиши илмии рисола мегардид.

2. Агар муаллиф мисолҳоро аз осори классикон ҷамъоварӣ менамуд, арзиши илмии рисола боз баландтар мегардид.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ҷузъӣ ва зуд бартарафшаванда буда, арзиши илмии диссертатсияро коста намесозанд.

Хулоса диссертатсияи Ҷаҳонгиров Шамсиддин Ҳотамкулович дар мавзуи «Таҳлили луғавию грамматикии истилоҳоти кулолгарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» кори таҳқиқотии пурмуҳтаво, арзишманд ва анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муққариз:** номзади илми филология,
мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва забонҳои Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб Чоршанбиева Зайнабхон Ашуровна

**Нишонӣ:** ш. Кӯлоб, маҳ. Борбад
E-mail: chorshanbieva80@bk.ru
Тел: +992 985011431

«Имзои мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва забонҳо Чоршанбиева Зайнабхон Ашуровнаро тасдиқ менамоям»

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва коргузории ДТМИК Шокиров Қодир Бедилхонович

“23” “05” соли 2023